**Ба Шӯрои диссертатсионии6D.КОА-005**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ(734025, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуъи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Рисолаи тақризшавандаи унвонҷӯй Элмуродова Д. А ба яке аз мавзуъҳои мубрами ҷомеа - оилаҳои нопурра бахшида шудааст. Хотиррасон бояд намуд,ки Тоҷикистон аз рӯйи қабули санадҳои муҳими бахши баробарии зану мард аз бисер кишварҳои абарқудрат пеш рафтааст.Инро коршиносони шинохтаи хориҷӣ ҳам борҳо қайд кардаанд. Мавзуи мавриди таҳқиқ қарорододаи унвонҷӯ ҳам як қисмати бузурги масоили гендерӣ аст.Ҳукумати Тоҷикистон ба баланд бардоштани нақши оила дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Гувоҳи он такмили пайдарпайи конунгузории оилавӣ аст. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба боло бурдани синну соли никоҳ аз 17 ба 18-солагӣ, ба Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва мавриди назорат гирифтани татбиқи он аз тарафи мақомҳои дахлдор,тасвиби Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму гарбияи фарзанд» ва ғайраҳо.Ду ҳуҷҷати басо муҳим - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ «оид бапешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023» Тоҷикистонэро хамчун кишвари озоду демократӣ дар ҷаҳон муаррифӣ мекунанд.Манъи никоҳи хешовандон,ки омили пешгирии ҳолатҳои ба дунё омадани фарзандони носолим аст,бисёрзанӣ(ҳамзистӣ бо ду ва зиёда занҳо),ки ба зиёд шудани шумораи оилақои танҳо оварда мерасонад ва гайра тадбирҳоеанд,ки ба аз байн бурдани падидаҳои носолими солҳои охир рӯ ба афзоиш оварда дар ҷомеаи муосири тоҷик нигаронда шудаанд.

Муаллиф тавсифи модариро аз фарҳангҳои сосиологиву энсиклопедӣ овардааст.То асри XX шакли асосии худтасдиқнамой ва худвоқеъгардонии занон дар вазифаи модарии онҳо ифода меёфт.Бузургтарин мутафаккирон ва донишмандони гузашта, аз Афлотуну Арасту то мутафаккирони асри XIX, 1 мисли Кант, Гегел, А. Шопенгауэр, Ф. Нитсше, 3. Фрейд ва мутафаккирони тоҷик аз А. Рӯдакию А. Фирдавсӣ то А. Дониш ин ақидаҳоро дастгирӣ мекарданд(с.22 ).Унвонҷӯй мавзуъи рӯзро мавриди таҳқиқот қарор дода,тасмим гирифтааст, ки ҳолат, омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра ва модарони танҳоро муайян намуда, дар ин асос роҳҳои кам кардани

шумораи чӣ оилаҳои нопурраву ва модарони танҳо,ҳалли мушкилотиононро пешниҳод кунад.Унвонҷӯй адабиёти ба мавзӯъ алоқамандро васеъ омӯхта, онро ба чанд бахш ҷудо кардааст.Дар таҳқиқи сохтор ва вазифаҳои оила, муносибатҳои оилавй ва дигар масъалаҳои институтa оила сахми ҷомеашиносони хориҷиро аз Jl. Моргану
О. Конт сар карда то Н. Смелзеру П. Сорокин бахусус кайд кардааст.

Ҷомеашиносони шӯравӣ ва пасошуравӣ А.Г. Харчев, В .*Я.* Титаренко, А.И. Антонов, J1.А. Кравченко ва дигарон, омадааст дар рисола, оид ба оила ва никоҳ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии оила, вазифаҳои иҷтимоии оила, уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила,муносибати волидайн ва фарзандон, тағйирёбии муносибатҳои оилавӣ ва дигар масъалаҳои ба оила алокаманд корҳои илмии аҳамиятнокеро ба сомон расонидаанд.

Дар масъалаҳои модарӣ хамчун зухуроти иҷтимой-фарҳангӣ, модарӣ дар оилаҳои нопурра, вазифаҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра, иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра ва ғайра тахқиқотҳои назаррасе анҷом дода шудаанд.Ин мушкилот барои Бошқирдистону Тотористони Россия ва ғайрахо ҳам ҳалталаб аст ва чи хеле ки аз рисола бармеояд,унвонҷӯй чанд тахқиқотро аз ин ҷумҳуриҳо мавриди таҳқиқи дубора қарор додааст.

Ин албатта,ҷиҳати хуби таҳқиқот хаст,чун дарак аз он медиҳад,ки аз як тараф муаллиф мавзуъро ҳаматарафа омӯхтааст.Аз тарафи дигар, ин мушкилоти тамоми ҷомеаҳои муосир аст ва аз он казияҳои дигар мебароянд. Мавзуъи интихобкардаи унвонҷӯй умуман ба тамоми ҷомеаҳо марбут буда, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ бахусус мубрам аст.Он маҳз бо равиши сотсиологӣ дар кишвар мавриди таҳлилу пажӯҳиш карор нагирифтааст.Аммо,қайд карда шудааст дар рисола, ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ, накши оила дар иҷтимоишавии шахс, ҳифзи иҷтимоии оила, масъалаҳои оилахои серфарзанд ва оилаҳои ҷавон, тағйирёбии вазифаҳои иҷтимоии оила, танзими оила,зӯроварии оилавй,сиёсати иҷтимоии давлатй дар самти ҳифзи иҷтимоии оила,арзишҳои оилавй,пошхӯрии оила ва оқибатҳои иҷтимоии он, кори иҷтимоӣ бо оилаҳои нопурра,масъалаҳои психологй дар оилаҳои нопурра ва дигар масъалаҳои ба оила марбут аз ҷониби ҷомеашиносони тоҷик Ш. Шоисматуллоев, Н.М. Юнусова, В.А. Баҳромбеков, Ф.С. Миров, М. Давлатов, М. Хидирзода ва бисёр дигарон таҳқик гардидаанд.

Рисола аз ду боб иборат буда,ҳар яки онон боз ба се кием ҷудо шудаанд.Боби **якум ба асосҳои назарияву методологии омӯзиши оилаҳои нопурра бахшида шудааст.Моҳияти мафқумҳои «модарӣ» ва «оилаи нопурра» аз нуқтаи назарияи илми ҷомеашиносӣ дар қисми якуми ин боб кушода шудааст.Қисми дувум бошад,омилҳои иҷтимоиву мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурраро барраей мекунад.Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопураи муосир дар қисми севуми боби якум дида баромада шудаанд.**

Мувофики маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 аз 1 197 187 хонаводаи Тоҷикистон 38 042-тоаш оилаҳои якнафара,60202 нафар модар бо фарзандон (оилаи нопурра) ва 139 нафар падар бо фарзандон (оилаи нопурра) мебошанд'.Тақлилҳо,омори расмӣ нишон медихад,ки як сабаби асосии пайдоиш ва паҳншавии модарӣ дар оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон мебошад. Вайроншавии оилаҳои ҷавон пас аз муддати кӯтоҳи оиладорӣ дар шароити имрӯза масъалаи нигаронкунандаи ҷомеаи Тоҷикистон гардидааст.

**Чи хеле ки аз таҳлили унвонҷӯй дар қисми якуми боби аввал бармеояд,шумораи** никоҳи бакайдгирифташуда дар соли 2017 нисбати соли 2016 ба 8,5% зиёд шуда, 78,6 ҳазор ҷуфтро ташкил медиҳад. Вале дар худи ҳамин сол шумораи талоқ нисбати соли 2016 то 13,5% зиёд шуда, 10 хазору 52 талокро ташкил додааст. Афзудани миқдори талоқ дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида мешавад:дар ВМКБ 46%, вилояти Суғд 10,5%, вилояти Хатлон - 8,4%, дар НТМ -15,7% ва дар шаҳри Душанбе - 22,2% афзудааст (нигаред ба расми 1)

Фикрҳои муаллиф дар қисми дувуми боби якум«Омилҳои иҷтимоиву мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурра»бо овардани натиҷаҳои тадкиқотҳои дар кишваргузарондашуда эътимоднок баромадаанд.Масалан,Ҷараёни талоқ дар солҳои 2010-2017(с.51,расми 1.).Бо ташаббуси мутахассисони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарку таҳлили масъалаи ҷудошавии ҳамсарони ҷавон таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шудааст.Он 4 минтақаро фаро гирифтааст: шаҳри Душанбе, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Файзободу Рӯдакӣ. Тахкиқот тахминан дар байни 1227нафар ҷавонони синни 18-35 - сола ба шакли пурсиши сотсиологӣ гузаронида шудааст[1].Чи хеле, ки аз расми 2

[1]Омӯзиши масъалаи ҷудошавӣ (вайроншавӣ) - и оилахои ҷавон ва роххои пешгирии он дарТоҷикистон (Ҳисоботи тахлилӣ оид ба натиҷахои тадкикоти сотсиологӣ) / Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Хукумати Ҷумхурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - 64 с.

бармеояд, сабабҳои асосии ҷудошавии оилаҳо, пеш аз ҳама, нафаҳмидани якдигар, дахолати хушдоман, хиёнат ва беҳурматии байниҳамдигарӣ будааст *(нигаред ба расми 2).*

**Аз шиносой бо қисми дувуми боби якум маълум мешавад,ки ҳолати модарони танҳо вобаста ба сабабҳои пайдоиши оилаҳои нопурра аз ҳам фарқ** менамоянд.Якум,заноне,ки ба сабаби қатъи ақди никоҳ мақоми модари танҳоро соҳиб гаштаанд.Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ин гуруҳ нисбатан беҳтар арзёбӣ мегардад.Чун ин ашхос имкон доранд барои пеш бурдани рӯзгору нигохубини фарзандон аз ҳамсари собиқ алимент ё дигар кумакҳои моддӣ дастрас бикунанд.Илова ба ин ҳамсари собиқ дар таълиму тарбияи фарзандон саҳмгузор буда метавонад.Дувум,заноне,ки бидунн никоҳ фарзанддор шуда,ба модари танҳо табдил ёфтаанд.Ҳолати иҷтимой-иқтисодӣ ва равонии ин гуруҳ,чи хеле ки аз диссертатсия бармеояд, нисбатан душвор аст.Онҳо ба ғайр аз маҳрумият аз алименту имтиёзҳои дигар, инчунин аз ҷониби атрофиён мавриди фишори равонӣ ва ҷисмонӣ қарор мегиранд.Дар рисола омадааст,ки "дар ҷомеаи Тоҷикистон чунин модарони танхое,ки бе ташкили оила ва бастани никоҳ фарзандор шудаанд,хеле каманд, аммо мувофиқи қолабҳои динӣ ва фарҳангии ҷомеаи мо чунин модарони танҳо мавриди бгрхурди шаддиди хешовандон ва атрофиён карор мегиранд»(ниг:саҳ 43).Дар ин қисм натиҷаҳои як назарсанҷии бузурге мавриди таҳлил қарор гирифтаанд,ки мувофиқи он дар байни сабабхои пошхӯрии оилаҳо якдигарнофаҳмӣ(21,8%) ва дахолати хушдоман ба зиндагии ҳамсарон (8,3%)дар ҷойи аввал меистанд. *(нигаред ба расми* 2,саҳ.52-53у).

Ташкили оилаи солим,бахусус дар кишвари мо натанҳо ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, инчунин ба баланд будани сатҳи фарҳанги динии оиладорон ниёз дорад. Мувофиқи маълумоти САҲШ (ЗАГС),омадааст дар рисола, мардоне ҳастанд, ки барои ба даст овардани шаҳрвандии Россия,ба таври расмӣ никоҳашонро бекор карда, дар ин кишвар ақди никоҳи расмӣ мебанданд.Дар ин ҳолат занони муҳоҷирон аз қукукхои оилавии худ маҳрум мегарданд ва зарар мебинанд.Унвонҷӯй ин мардонро ҳам ба ду гуруҳ ҷудо кардааст.Онҳоеди дар Тоҷикистон бо занҳои худ никоҳи динии хешро бекор накарда, дар зодгохашон мисли пештара бо ахли оилаашон зиндагӣ кунанд. Аммо,ба мушоҳидаи коршиносон такя карда,муаллифи диссертатсия навиштааст,ки боз мардоне ҳастанд,ки шаҳрванди Россия шуда, оилаи дар Тоҷикистон будаашонро фаромӯш мекунанд.

Натиҷаҳои таҳкиқот нишон меди\ад,ки як сабаби пошхӯрии оилаҳо ва зиёдшавии шумораи занони танҳо бисёрникоҳии мардон мебошад, ки ин амал аз паст будани маърифати ҳуқуқӣ ва нокифоягии маърифати исломии шаҳрвандон гувоҳ медиҳад.Азбаски қонунгузории Тоҷикистон якканикоҳиро эътироф менамояд, ҳамсари дуюму сеюм шудани занону духтарон,омадааст дар рисола, онҳоро аз қисми зиёди ҳуқукҳои оилавии худ махрум мегарданд. Дар диссертатсия омори ин падидаи солҳои охир паҳнгашта оварда нашудааст ба далели он,ки дар кишвар омори расмии бисёрникоҳӣ вуҷуд надорад.аммо таҳқиқоти дар ин қисмомада бошад,дар ин бора

маълумотҳо мушаххасе медиҳад. Мусоҳибон сабаби асосии ба сифати зани дуюм ё сеюм розӣ шудани занонро дар нокомихои никоҳи аввал (26,3%) мебинанд. Аммо, ин падидаи ичтимоӣ ба меҳру муҳаббат ҳам алокамандӣ дорад. 16,1% мусоҳибон аз хисоби занон дар асоси меҳру муҳаббат хонадор мешаванд. Сабаби дигари зани дуюм ё сеюм шудани аксарияти духтарон тарси бе шавҳар мондан, калонсол шудан ва раҳои аз танҳой мебошад (10,6%). *(нигаред бо расми 5).*

Умуман; таҳлили дубораи таҳқиқоте,ки дар қисми дувуми боби дувуми рисола ва баъдан оварда шудааст,бурди умуман ин диссертатсия аст.Он боз ба масъалаи муносибати ҳамсарон пас аз ҷудошавй равшанй андохтааст.Масалан, *расми 7* аз он иттилоъ медиҳад,ки 46,6% ҳамсарон пае пошхӯрии оилаашон ягон муносибат надоштаанд, зиёда аз он 23,5% мусоҳибон бо ҳамсарони собиқашон муносибати бад доштаанд.Аммо шумораи ин хамсарони собиқ аз онҳое,ки муносибаташонро хуб нигоҳ дошта тавонистаанд,хушбахтона камтар аст.Онҳо 29,9% -ро ташкил медиҳанд. *(иигаред ба расми 7).*

Занони оилаашон вайроншуда на хама вақт аз тарафи шавҳаронашон ба манзили зист таъмин мегарданд. Махсусан, занони бефарзанд дар аксарияти маврид бе манзил мемонанд.Имконияти ба манзили зист таъмин шудани занони серфарзанд пас аз вайроншавии оила бештар аст.Таҳқиқот нишон медиҳньад,ки 40,2% мусоҳибон баъди ҷудошавӣ ба манзили зист таъмин шудаанд.

**Қисми 3-и боби якум модариро дар оилаҳои нопурраи муосир баррасй кардааст.Аз** он хулосае бармеояд,ки бо сабаби афзудани таваллудҳои беникоҳ,ҷудошавии ҳамсарон, фавти мардон бо сабабҳои гуногун ва зуҳуроти зуҳуроти бисёрникоҳй (никоҳҳои ғайрирасмӣ) шумораи модарй дар оилаҳои нопурра меафзояд.Чунин дигаргуниҳо раванди иҷроиши вазифаҳои анъанавии оиларо заиф намуда, хусусияти тақсимоти ичтимоии меҳнати оилавиро дигаргун сохта, ба мақоми ичтимоии зан таъсири ҷиддӣ мерасонад(С.82.).

**Боби дувуми рисола ба шароити зиндагии модарони танҳо дар Тоҷикистони муосир бахшида шудааст.Таҳқиқоти** дар қисми якум бо номи « Хусусиятҳои ичтимоии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагй» омада, нишон медиҳад,ки модарони танҳо пас аз ҷудошавӣ аз шавҳар ё вафоташ дар навбати аввал ба масъалаи манзили зист рӯ ба рӯ мегарданд.Баъдан,масъалаи таъмини моддй ва таълиму тарбияи кӯдакони ятиммонда ба миён меояд.Мувофиқи таҳкиқот, аксарияти модарони танҳо мехоҳанд дар акди никоҳ бошанд ва оилаи пурраро ташкил кунанд,ҳарчанд дар таҷриба чунин модарон нисбати занони бешавҳари бефарзанд имконияти камтар доранд.Маҳз ин ҳолат модарони танҳоро аз ҷустуҷӯйи шавҳар бозмедорад, чун маҷбуранд бештари вақти худро ба нигоҳубини фарзанд ва кори хоҷагии хонагӣ мегузаронанд. (С.92.)

Мушкилии дигаре,ки имрӯз баъзе аз модарони танҳо дар ҷойи кор рӯбарӯ мегарданд.чи хеле ки аз рисола бармеояд,зӯроварии шаҳвонӣ мебошад.Ин ҳам як намуди падидаи кухна аст.Зӯроварии шаҳвонӣ маҳз дар ҷойи кор дар Тоҷикистон аксар

вақт аз назари ҷомеа пинҳон мемонад. Ин аз бисёр омилҳо,аз ҷумла ба худи занон вобаста аст.Онхо ин қабил ходисаҳоро панаҳ мекунанд,то аз як тараф,атрофиён маҳкуму маломаташон накунанд,аз тарафи дигар, ҳатто эҳтимолияти аз кор озод шуданашон ба миён меояд.

Дар низоми қонунгузории Тоҷикистон барои«ҳаракатҳои шаҳвонӣ бо истифода аз вазифаи хидматӣ»муҷозот пешбинӣ шудааст,омадааст дар диссертатсия.Аммо воқеан шумораи заноне, ки барои зӯровари и ҷинсии худ дар ҷойи кор ба мақомоти дахлдор шикоят кардаанд, хеле кам аст(С.94).Дар бораи зӯроварии ҷинсии занон дар ҷойи кор оморӣ расмӣ низ вуҷуд надорад.

**Дар қисми дувуми боби дувум хусусиятҳои иҷтимоишавин кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор ёфтаанд.Аз** ин бахш хулосае мебарояд,ки мушкилоти зиндагӣ ва зарурати ҷустуҷӯйи роҳи хапли онон шахсро водор менамояд ҳамеша машғули фаъолияти мунтазами эҷодиву истеҳсолӣ бошад.Дар ҳолати нодуруст корбаст намудани ичтимоишавии шахе он боиси пайдоиши каҷрафторихои иқтимоӣ: бадахлоқӣ, оворагардӣ, нашъамандӣ, дуздӣ ва дигар рафторҳои ношоями фардӣ ва гурӯҳӣ мегардад(С.108)

**«Сиёсати иҷтимоии давлат нисбати модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон» чунин ном дорад қисми охирин -севуми диссертатсия.Дар** ин бахш сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон вобаста ба мавзуъи диссертатсионӣ ба забони сотсиологӣ баргардон шудааст.Ин қисмат хам басо аҷиб аст,чун маводи зиёди сотсиоливу расмхо оварда шудаанд.Дар ин кисм боз баъзе иттилоъҳо оварда шудаанд,ки басо аҷибанд ва аз мавқеи худи муаллифро нисбати мушкилоти занон дар ин самт гувох медиҳанд.Заноне, ки дар хона меҳнат мекунанд, харчанд дар Кодекси мехнат аз соли 2011 ҳамчун категорияи нави корманд ҳисоб мешаванд, аммо андози иҷтимоӣ дар Кодекси андоз нисбати ин категорияи аҳолӣ пешбинӣ нашудааст. Пас заноне, ки дар кори хона банданд, ба ҳифзи модарӣ таъмин нестанд.Ба фикри мо,ин мушкилоти аз давраи шӯравӣ монда то ҳол ҳалли хешро наёфтааст.Бояд қайд кард,ки тахдшли дубораи таҳқиқоти сотсиологие,ки аз ҷониби унвонҷӯ гузаронда игудааст,бурди диссертатсия мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон афзоиши оилаҳои нопурра ва модарони танҳо яке аз масъалаҳои ҷиддию ҳалталаби иҷтимой ба ҳисоб рафта,давлат ва ниҳодҳои алоҳидаи ҷомеаро ба ташвиш овардааст.Ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ҳамчун табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа ва муқаррар намудани имтиёзҳои бештари иҷтимоӣ барои муътадил гардонидани ҳаёту фаъолияти онҳо дар шароити муосир ба зарурати ногузир табдил ёфтааст.Бояд қайд кард,ки бо назардошти шароити Тоҷикистон аз ҷониби донишмандони ҷомеашиноси тоҷик дар мавзӯъи интихобкардаи унвонҷӯ таҳқиқоти пурраю фарогире ба анҷом расонида нашудааст.Аз ин ҷиҳат , омӯзиши ин масъала басо мубрам аст, ки оид ба ин мавзуъ дар доираи равиши сотсиологӣ бо назардошти шароити Тоҷикистон аз ҷониби донишмандон ва бахусус ҷомеашиносони тоҷик таҳқиқоти пурраю фарогире ба анҷом расонида нашудааст.Диссертатсияи мазкур

нахустин таҳқиқи бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи модарӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ мебошад, ки дар ҷанбаҳои мухталиф таҷассум ёфтааст. Ҳаматарафа омӯхтани чунин зуҳуроти мураккаб зарурати имрӯзаи илми сотсиологияи тоҷик мебошад, зеро шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра дарТоҷикистон горафт меафзояд.Давлат ба таққиқотҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои илмию асосноки ҷомеашиносони ватанӣ такя намуда, барои ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра дар сиёсати иҷтимоӣ ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ислоҳоти заруриро ворид менамояд.Ҳамзамон, унвонҷӯй дуруст қайд кардааст,ки таҳқиқи ин мавзуъ барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ва модарони танҳо ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти дастгирии модарони танҳо ва муқаррар намудани имтиёзҳои давлатӣ нисбати онҳо мусоидат карда метавонад.

Унвонҷӯй мавзуъи рӯзро мавриди таҳқиқот қарор дода,тасмим гирифтааст, ки ҳолат, омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоии оилахои нопурра ва модарони танҳоро муайян намуда, дар ин асос роҳҳои кам кардани шумораи чӣ оилаҳои нопурраву ва модарони танҳо, ҳалли мушкилоти ононро пешниҳод кардааст. Оила ва муносибатҳои оилавӣ яке аз мавзуъҳои марказии илми сотсиология ба ҳисоб рафта, дар ин самт олимону донишмандони хориҷию ватанӣ таҳқикотҳои арзишмандеро ба анҷом расонидаанд.Унвонҷӯй адабиёти ба мавзӯъ алоқамандро васеъ омӯхта, онро ба чанд бахш ҷудо кардааст.Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодгардида дарак аз

он медиҳад,ки аз як тараф муаллиф мавзуъро ҳаматарафа омӯхтаасг.Аз тарафи дигар, ин мушкилоти тамоми ҷомеаҳои муосир аст ва он казияхои дигар мебароянд.Мавзуъи интихобкардаи унвонҷӯ умуман ба тамоми ҷомеаҳо марбут буда, барои кишвархои Осиёи Марказӣ бахусус мубрам аст. Инро таҳқиқотҳои дар кишвар гузарондаву аз тарафи унвонҷӯ мавриди таҳлили дубора қароргирифта нишон медиҳанд.Ва худи даст задан ба ин мавзуъи басо мубрами ҷомеаи муосири Тоҷикистон аз тарафи як зан-олим ҷуръатест лоиқи таҳсин.

Ҳамин тарик,бурди рисола, унвонҷӯй,паҳлухои мусбии илмии диссертатсияро кутох оварда,таваҷҷӯҳи муаллифро ба бозбинии масоили зерин ҷалб карданием:

1. Сохтори диссертатсия тавре эҷод шудааст.ки як кисмати он пур аз омору таҳлил,расмҳост,вале дар бахшҳои дигар омор то қадри имкон оварда оварда шуда бошад ҳам,вале он ба як шакли сотсиологӣ дароварда нашудааст.Инчунин дар ин бахшҳо камии натиҷаҳои таҳқикотҳои вобаста ба ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба назар мерасад.
2. Дар қисми 1.1.маълумоти Агентии омори назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оилаҳои нопурра оварда шудааст.Басо хуб,вале аввало,рақамҳои тулонии овардаро ба забони дарсад\фоиз гузарондан ба мақсад мувофиқтар мебуд(Саҳ.43, 1.1.). Баъдан,ин ҷо барои қиёс омори нисбатан навро,ба фикри мо, истифода кардан лозим буд.
3. Таҳқиқоте(>шг<2/?е<3 *ба расми 4).* нишон медиҳад, ки кариб ҳаррӯз аъзоёни оила бо сабабҳои гуногун бо ҳам ҷанҷол доранд.Овардану таҳқики ҷараёни ҷанҷол дар ин бахш,ба фикри банда, зиёдатӣ менамояд. Дар масъалаи манзил ба модарони аз ҳамсар ҷудошуда дар Тоҷикистон қароре ё ҳуҷҷате амал мекунад,ки ба натиҷаҳои дилхоҳ хам овардааст.Шояд он то дараҷае мукаммал хам набошад.Вале худи мутаваҷҷеҳ шудан ба ин мушкилот дар шароити кишвар далели он аст,ки қазия ҷомеаро ба ташвиш овардааст ва роҳи ҳалли онро мақомоти дахлдор ҷустуҷӯ дорад. Мутаассифона дар рисола дар ин бора иттилоъе оварда нашудааст(Сах 66.).
4. Қисми 3-и боби якум модариро дар оилаҳои нопурраи муосир баррасӣ кардааст.Аз он хулосае бармеояд,ки бо сабаби афзудани таваллудҳои беникоҳ,ҷудошавии ҳамсарон,фавти мардон бо сабабхои гуногун ва зуҳуроти бисёрникоҳӣ (никоҳҳои гайрирасмӣ) шумораи модарӣ дар оилаҳои нопурра меафзояд.Чунин дигаргуниҳо раванди иҷроиши вазифаҳои анъанавии оиларо заиф намуда, хусусияти тақсимоти иҷтимоии меҳнати оилавиро дигаргун сохта, ба мақоми иҷтимоии зан

таъсири ҷиддӣ мерасонад.(С.82.). Мутаассифона аз ҳаёти ҷомеаи кишвар дар ин самт оморе оварда нашудааст(Ниг.саҳ.84.).

6. Дар рисола (саҳ.92-93) омадааст,ки дар ҷомеаи Тоҷикистон корманди намунавӣ будан ва ҳамзамон модари намунавӣ будан ду мафхуми бо хдм зид мебошад.Бояд иттилоъ дод,ки ин мушкилоти тамоми ҷомеаҳо ҳаст ва боз ҳар як ҷомеа барои рафъи ин мушкилот роҳҳои хосае дорад.Унвонҷӯй метавонист як таҳқиқоти кучаке,як мусоҳиба бо бонувоне,ки хешро аз ду ҷониб,яъне хам дар хонаводаву хам аз рӯйи ихтисос ёфтаанд,роҳандозй кунад ва таҷрибаи онҳоро тахкик кунад.Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо барои нигохубини фарзандон дар ҷомеаи Тоҷикистон бобову бибй,хешовандон басо кумак мекунанд ё шояд роҳҳои дигар хам бошанд.Ин ҷо, албатта,боз як ҷиҳати дигари масъала ҳам бояд таҳқиқ гардад,ҷараёни таваллуд мебоист бо шароити хонаводa мувофикат кунад.

7. Бояд қайд кард,ки таҳлили дубораи тахкикоти сотсиологие,ки аз ҷониби унвонҷӯй гузаронда шудааст,бурди қисми дувуми боби якум ва умуман диссертатсия мебошад. Фикрҳои муаллиф бо овардани натиҷаҳои тадқиқотҳои дар кишвар гузарондашуда басо эътимоднок баромадаанд.Вале дар ин бахш дар худи тадқикотҳои оварда хатогихои забонӣ ба назар мерасанд.Масалан,вожаҳои “азҳампошӣ” ва «байниякдигарй» истифода шудаанд,ки мебоист ҷояшон калимахои «ҷудошавӣ» ва « “байниҳамдигарй» *(нигаред ба расми* 2J.-ро корбурд намуд.

Албатта,эродҳои овардаи мо унвонҷӯйро барои идома додани таҳкикот дар ин мавзӯъи басо мубрам водор мекунанд ва далел аз онанд,ки муаллифи диссертатсия натиҷаҳои зиёде ҳангомии таҳлили падидаи модарони танҳо ба даст овардааст.Рисолаи ба химоя пешниходшуда кори илмиву таҳқиқотии ба анҷомрасида мебошад.Рисолаи Элмуродова Д.А.ба меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукарраршуда комилан ҷавобгӯ мебошад.Диссертатсия як кори бузурги эҷодкоронаву мустақилона омодагашта буда,дорой мазмун ва мантиқи илмй мебошад.Сатхи навгонй,пешниҳоду тавсияҳои илмй ва амалй,тарзи навишт,масъалагузорй,услуби тахкикоти илмй.номгӯйи мақолахои илмй ва фишурдаи маърӯзаҳо,ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд,саҳми шахсии муаллифро дар эҷоди диссертатсия нишон медиҳанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмй мазмуни диссертатсияро комилан инъикос мекунанд.Дар маҷмуъ диссертатсияи Элмуродова Давлатбй Анваровна дар мавзуъи **«Масъалаҳои модарй дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» ба** талаботҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда,муаллифи он сазовори ноил

гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD),доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (60050104-Сохтори иҷтимой, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимой) мебошад.

**Муқарризи** расмй:доктори илмҳои сотсиологӣ,

профессори кафедраи забонҳои ҳиндуэронӣ ва
африқоӣ,Донишкадаи давлатии муносибатҳои
байналмилалии (МГИМО) Москва,
Вазорати корҳои хориҷии ФР;

Хушқадамова Х,.0.

**Официальный оппонент:**

доктор социологических наук, доцент,
профессор кафедры индоиранских и африканских языков,
Московский государственный институт
международных отношений (У) МИД РФ; / ı

Хушкадамова Х.О.

Подпись доктора социологических наук,профессора Х.О.Хушкадамовой
подтверждаю:

Подпись гр. Х.О.Хушкадамовой заверяю
Ученый Секретарь
О.В.Шишкина

Адрес
119454, Москва, проспект
Вернадского, 76 Телефон
+7 495 229-40-49

'Ниг.: Ҳайати синнусолӣ, ҷинси ва холати акди никохи ахолии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ҷилди II. - Душанбе. 2012. - С. 176.